# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Ҳуҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ**

Мавзуи рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Ҳуҷақулович муҳим, актуалӣ ва қобили пажуҳиш буда, дар доираҳои илмии адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии хориҷиву ватанӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст. Агарчи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ифтихори форсизабонҳои ҷаҳон, ба вижа мо тоҷикон аст ва то ба имрӯз ҷанбаҳои мухталифи ҳаёту эҷодиёти ӯ бо сабабҳои айниву зеҳнӣ ҳанӯз ба таври комил таҳқиқ нашудааст. Аз ин рӯ, меҳвари пажуҳиш кашидани ривояту наклҳои шифоҳӣ - лавҳаҳои зиндагӣ, симо, хислат, муносибати шоирро ба арзишҳои моддиву маънавӣ муайян ва таъсири мутақобилаи ашъори устод Рӯдакӣ ва осори шифоҳии моро возеҳ месозад.

Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, то накши наклу ривоятҳоро дар мушаххас сохтани санаҳои ҳаёту фаъолияти шоир, муносибати мардум ба ҳунар ва истеъдоди шоирӣ, анвои дигари пешаю шуғли устод Рӯдакӣ, нишон додани маҳорати ӯ дар истифода аз фарҳанги мардумӣ, мавқеи унсурҳои асотирӣ дар осори боқимондаи шоир ва корбурди зарбулмасалу мақол, қиссаву ривоят ва амсоли онҳоро дар маҳорати образофарии Рӯдакӣ ба доираи таҳқиқ кашида, маҳбубияти шоирро дар байни оммаи мардум, аз як тараф ва аз ҷониби дигар, ҳисси худшиносии устод ва муносибати ӯро ба ҷашну маросимҳои миллӣ ва бовару эътиқодоти мардумӣ ошкор менамояд. Гузашта аз ин, таъсири мутақобили фолкор ва адабиёти хаттиро бо далоили қотеъ ҳамчун раванди муқаррарии басту такомул аз омили муҳимми фарҳангӣ гӯшзад кардааст.

Мухтавои рисола дар се боб ва шонздаҳ фасл баён гардида, гузоришҳои илмӣ ба таври муназзам ва тибқи тақозои усули илмӣ сурат гирифтааст.

Дар боби аввали рисола, ки аз ҳафт фасл иборат аст, муаллиф аз мавқеи ривоятҳои мардумӣ ба масъалаҳои кӯдакӣ ва зодгоҳи шоир, муносибати ӯ бо амирон, симои шоир ва ҳаким, масъалаҳои ишқу ошиқӣ, нобиноии шоир, мазор ва ҷойи дафни ӯ, авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир ибрози назар намуда, сипас дар робита ба ҳар ривоят ва мавзӯи он аз диди дастовардҳои илмии адабиётшиносӣ бархӯрд намуда, дар пояи қиёси онҳо натиҷагирӣ кардааст.

Дар боби дуюми рисола, ки «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ» унвон дорад, муаллиф ба масъала аз мавқеи адабиётшиносӣ муносибат намуда, унсурҳои гуногуни осори шифоҳӣ ба монанди махлуқоти асотирӣ, зарбулмасалу мақолҳо, жанрҳои фолклорӣ, чистон ё луғз, марсия, чеҳраҳои асотириву фолклорӣ ва амсоли инҳоро ба муоинаи илмӣ гирифта, маҳорати шоирро дар корбурди онҳо мушаххас кардааст.

Дар боби сеюми рисола, ки муштамил аз се фасл аст, муаллиф ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумиро дар шеъри устод Рӯдакӣ ба меҳвари таҳқиқ кашида, аз як тараф, муносибати шоирро ба арзишҳои фарҳангии мардум нишон дода бошад, аз дигар тараф ба тавассути он таъсирпазирии адабиёт ва хосса шеъри замони Сомониёнро аз адабиёти шифоҳӣ таъкид намудааст.

Дар баробари арзиши баланди илмӣ доштани рисола, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дар фишурда ба чашм мерасанд, ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо боиси боз ҳам боло рафтани арзиши кор мегардад:

1. Аз назари мо, фаслҳои боби аввал хеле тӯлонист, мухтасар кардани онҳо боиси беҳбудии сифати кор мешавад.

2. Такрори бемавриди вожаи «тавоно» дар саҳифаи 11 ва пешоянди «дар» дар ҳамин саҳифа ба ҳусни матн халал ворид намудаанд.
3. Ғалатҳои китобатӣ ва имлоӣ низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 14, 17.

Албатта, ин камбудиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши корро халалдор намекунанд.

Ба таври хулоса, дар асоси муҳтавои фишурда рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович як таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ мебошад.

**Доктори илми филология, профессор,**
**сарходими илмии шуъбаи тавсиф ва**
**таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази**
**мероси хаттии назди Раёсати АМИТ** **Хоҷамуродов Олимҷон**

**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 35.**
**E-mail: merosirhatti@inbox.ru**
**Tell: 915-05-46-64**

**Имзои д.и.ф, профессор О. Хоҷамуродовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони кадри ММХ назди**
**Раёсати АМИТ** **М. Майдонов**

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ КАДРҲО МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ

**15-уми ноябри соли 2022**